Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи номзадии
Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи
«Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ»
доир ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Масоили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ мисли дигар соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ бешубҳа хеле мубрам мебошад. Таҳқиқоти мазкур нахустин кори илмии муназзам ва маҷмӯан суратгирифтаи соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ мансуб ёфта, таҳлилу баррасии назария ва амалияи он ҷомеи муосири кишварамон, ки роҳи иқтисоди бозоргонӣ, аз ҷумла ҳамгироии байналмилалиро пеш гирифтааст, муҳиммияти боз ҳам бештарро касб менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст. Аз ҷумла, аксарияти ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ, ки танзими махсусро талаб менамоянд, ҳанӯз коркард нашудаанд. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли маърӯза, мақолаҳо ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омода шуда бошанд ҳам, лекин дар онҳо масъалаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар умум баррасӣ шудаанд, аммо фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, инчунин дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ баррасӣ нашудаанд. Диссертатсияи мазкур дар шароити имрӯза ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ равона

гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ, амалӣ таҳқиқотии диссертатсионии Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ боиси мақсад меббошад.

Мақсади таҳқиқоти илми - ин таҳлили муаммоҳои назариявӣ, амалӣ ва муқарраротӣ қонунгузорӣ, ки фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкоронро ба танзим медароранд, маҳсуб ёфта, дарёфти роҳҳои ҳалли он ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ, танзими давлатӣ фаро мегирад. Насрутдинзода Қ. Ш. дар доираи диссертатсияи илмии худ дар мавзӯи мазкур тавонистааст, ки ҷиҳати расидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои таҳқиқотии пешбинишударо ба ҳадди дахлдор ҳал намояд.

Аз мазмун ва мӯҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо дарназардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян кардааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, таҳлилию муқоисавӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-матниқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ дар амал нигаронида шудааст.

Шиносоӣ бо сохтор ва мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки дар раванди пажӯҳиш Насрутдинзода Қ. Ш. масоили мубрами мавзӯъро таҳқиқ намуда, тавонистааст, ки падидаи фаъолияти соҳибкории иқтисодии хориҷиро дар шароити ҳамгироии байналмилалии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намояд. Таҳқиқи назариявию илмии мавзӯъ имкон додааст, ки мафҳум ва моҳият, хусусияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шавад, сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, ҷабҳаҳои ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар амалисозии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, накш ва аҳамияти Созишномаҳои байналмилалии

Тоҷикистон ҳамчун воситаи танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, манфиатҳои миллии давлат ҳамчун самти афзалиятнок дар амалисозии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ муайян гардад.

Мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқоти илмиро ба инобат гирифта, ҷиҳати самаранокии натиҷҳои бадастомадаи он нуқтаҳои зерини тавсиявиро қобили қайд мешуморем:

1. Таҳқиқотро дар ин самт идома дода, ба ҷиҳати такомули татбиқи ғояҳои илмӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намояд, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашударо ба нашр расонад, то ин ки он ба манфиати ҳамаи сохторҳои манфиатдори давлатӣ, соҳибкорон, шаҳрвандон истифода гарданд.

2. Афзалият ва норасоиҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ дар марҳилаҳои алоҳидаи рушди иқтисодиёт, ҷомеа пурра нишон дода шавад.

Аз мӯҳтавои автореферати диссертатсия Насрутдинзода Қ. Ш. бармеояд, ки он дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, муқаррарот ва хулосаҳои он метавонанд дар пурра намудани норавшаниҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, кушодани печутоби илмии соҳа, мукаммал намудани таълими ҳуқуқӣ, махсусан ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ ва байналмилалии хусусӣ ва беҳтар намудани қонунгузории граждании муосир истифода шаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз рӯйи автореферати диссертатсионӣ дар маҷмӯъ метавон хулоса кард, ки диссертатсияи илмии таҳиякардаи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ҷавобгӯйи тамоми талабот (махсусан бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тавсиб расидааст) буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Ҳамоҳангсози «Лоиҳаи инвеститсионии
барқарорсозии оби нӯшокии шаҳрҳои
шимоли Тоҷикистон-2»-и Бонки Аврупоии
Таҷдид ва Рушд, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ **Акилов Ф. И.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735700, ш. Хуҷанд кӯч. Исмоили Сомонӣ, 42
Тел: (+992) 92  707 3995
E-mail: firdavs.akilov@mail.ru

«Имзои Акилов Ф. И.-ро тасдиқ мекунам».

Сардори Шӯъбаи кадрҳои «Ширкати
Мушовирии Фардис» **Негматова У. Ш.**